# 96816 - Забҳи қурбонӣ аз садақа додани пули он беҳтар аст

## савол

Ману бародарам ҳардуямон хона дорем ва мехоҳем, ки дар ид иншоаллоҳ гӯсфандеро қурбонӣ кунем ва гӯсфанди дигареро забҳ накарда садақа кунем. Оё воҷиб аст, ки ҳар ду гӯсфандро қурбонӣ кунем ва ё на?

## Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Дар ҳаққи ҳар дуи шумо машрӯъ аст, ки ду қурбонӣ анҷом бидиҳед ва дар як қурбонӣ иштирок намудан кофӣ нест, чуноне ки зикр кардед аз бародаратон мустақил ҳастед. Пештар шартҳои иштирок намудан дар қурбониро дар ҷавоби саволи рақами (96741) зикр карда будем.

Дар онҷо ихтилофи донишмандон оиди ҳукми қурбонӣ баён карда шуд, ки он дар назди ҷумҳури донишмандон суннати муаккада аст ва дар назди баъзе донишмандон воҷиб мебошад.

Донишмандон гуфтаанд, ки забҳи қурбонӣ аз садақа додани пули он авлотару беҳтар аст. Аз ин рӯ, шумо метавонед қурбонӣ карда гӯшти онро садақа намоед ва ё каси дигареро вакил кунед, то дар баъзе кишварҳо ва минтақаҳое ки дар онҷо мӯҳтоҷон зиёданд, ба ҷои шумо қурбонӣ кунанд.

Дар китоби "Матолибу ули-н-нуҳо" (2/473) омадааст: "Забҳи он, яъне қурбонӣ ва забҳи ақиқа аз садақа додани пули он беҳтар аст, ки дар ин бора нассе ворид шудааст. [Яъне Имом Аҳмад (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод) дар ин бора тасреҳ намудааст]. Инчунин ҳадй … Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) қурбонӣ кардааст ва ҳадйро (ба Макка) эҳдо намудааст ва халифаҳо баъд аз ӯ низ чунин кардаанд. Агар садақа додани пули он беҳтар мебуд, ҳатман ба ҷои қурбонӣ садақа медоданд". Поёни сухан.

Аллоҳ донотар аст.